Таҳрири 04
аз 19-уми феврали соли 2026

ШАРТНОМАИ
суратҳисоби бонкӣ барои шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ
(офертаи оммавӣ)

Ҷамъияти саҳомии кушодаи “Бонки Эсхата” минбаъд “Бонк” номида мешавад аз як тараф ва Шахси ҳуқуқӣ ё Соҳибкорӣ инфиродӣ, ки тибқи талаботи қонунгузорӣ амал менамояд ва минбаъд “Мизоҷ” номида мешавад аз тарафи дигар, дар якҷоягӣ “Тарафҳо” ва дар алоҳидагӣ “Тараф” номида мешаванд, Шартномаи суратҳисоби бонкӣ барои шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ (офертаи оммавӣ) (минбаъд Шартнома)-ро тибқи талаботҳои боби 1-и Шартномаи мазкур бо шартҳои зерин бастанд:

1. ТАРТИБИ БАСТАНИ ШАРТНОМА

1.1. Шартномаи мазкур офертаи оммавӣ ба ҳисоб рафта дар сомонаи расмии Бонк www.eskhata.com ва ё дар лавҳаҳои иттилоотии воҳидҳои сохтории Бонк ҷойгир карда мешавад.
1.2. Аксепти шартномаи мазкур аз ҷониби Мизоҷ ин ба Бонк дар шакли чопӣ бо имзо ва муҳр пешниҳод намудани шакли аз тарафи Бонк муқарраршудаи Ариза-дархост оид ба кушодани суратҳисоби бонкӣ ва аксепт намудани Шартномаи суратҳисоби бонкӣ барои шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ (офертаи оммавӣ) (Замимаи №1) ва ё Ариза-дархост оид ба аксепт намудан (Замимаи №3) мебошад.
1.3. Ариза-дархост (Замимаи №1/Замимаи №3) аз лаҳзаи аз ҷониби шахси ваколатдори Бонк қабул намудан ва дар он қайд оиди қабул шудан гузоштан далели баста шудани Шартномаи мазкур мебошад. Як нусхаи Ариза-дархост бо имзои Мизоҷ ва нақши муҳр дарҷгашта ва қайди шахси ваколатдори Бонк дар Бонк нигоҳ дошта мешавад, нусхаи дуюми Ариза-дархост бошад бо қайди Бонк бо талаби Мизоҷ ба Мизоҷ дода мешавад.
1.4. Аксепти Шартномаи мазкур аз ҷониби Мизоҷ ин тасдиқи бо шарту талаботҳои Шартномаи мазкур ва Тарофаҳои Бонк шинос шудани Мизоҷ мебошад. Мизоҷ инчунин тасдиқ ва розӣ аст, ки шарту талаботҳои Шартнома ва Тарофаҳои Бонкро риоя менамояд.
1.5. Маҳалли басташудани шартнома, маҳалли ҷои қайди Бонк ва ё воҳидҳои сохтории он, ки ба Мизоҷ суратҳисоб кушодааст, ба ҳисоб меравад.

2. ИСТИЛОҲОТ ВА ИХТИСОРҲО

Ариза-дархост– дархост оид ба кушодани суратҳисоби бонкӣ ва аксепт намудани Шартномаи суратҳисоби бонкӣ барои шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ (офертаи оммавӣ), ки шакли он аз ҷониби Бонк муқаррар карда шудааст ва аз ҷониби Мизоҷ тибқи тартиби муқарраргардида имзо карда шудааст (Замимаи №1);
Ариза-дархост оид ба аксепт намудан- дархости мизоҷи Бонк, ки бо Бонк Шартномаи суратҳисоби бонкии шакли то Шартномаи мазкур ҷорӣ шудан, амалкунандаро дорад ва дарбоз аз хизматрасонии Бонк истифода накардааст, лекин суратҳисобаш амалкунанда мебошад ва мехоҳад, ки аз нав хизматрасонии Бонкро бидуни кушодани суратҳисоби нав истифода намояд, мебошад (Замимаи №3);
Суратҳисоби бонкӣ – суратҳисоби бонкии Мизоҷ бо пули миллӣ ё асъори хориҷӣ, ки дар Бонк кушода шуда, дар он бақия ва гардишҳои маблағҳои пулии Мизоҷ инъикос мегардад;
Тарофаи Бонк (Тарофаи амалкунанда) – ҷадвале, ки дар он нархи хизматрасониҳои Бонк ҷойгир карда шудааст;
Воҳидҳои сохтории Бонк – Идораи амалиётӣ, Филиалҳо.

3. МАТЛАБИ ШАРТНОМА

3.1.Бонк ба Мизоҷ суратҳисоб(ҳо)-и амонатии дархостӣ (минбаъд - Суратҳисоб) кушода, уҳдадор мешавад, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва шартномаи мазкур пешбинӣ шуда, хизматрасониҳои бонки (ворид ва хориҷ намудани маблағҳои пулӣ ва дигар)-ро бо пули миллӣ - сомонӣ ва асъори хориҷӣ ба иҷро расонад, Мизоҷ бошад уҳдадор мешавад, ки ҳаққи хизматрасониҳоро аз рӯи Тарофаҳои тасдиқгардидаи Бонк барои гузаронидани амалиётҳо аз рӯи Суратҳисоб бо шартҳои пешбининамудаи шартномаи мазкур пардохт намояд.

3.2.Мизоҷ бо аксепт намудани шартномаи мазкур изҳор менамояд, ки бо Тарофаҳои тасдиқгардидаи Бонк, ки дар санаи аксепт намудани шартнома амал менамоянд, шинос шудааст ва розӣ мебошад.
3.3.Бонк, маблағи ҳаққи хизматрасониро барои гузаронидани амалиётҳо аз рӯи Суратҳисоб, бо ордери мемориалӣ, аз рӯи гузаронидани амалиётҳо, ба таври беаксептӣ бе огоҳии пешакии Мизоҷ, аз суратҳисоб мебарорад.
3.4.Ба маблағҳои пулие, ки дар Суратҳисоб мавҷуданд, фоиз ҳисоб карда намешавад.
3.5.Амалиётҳо бо маблағҳое, ки аз бақияи дар Суратҳисоби Мизоҷ мавҷудбуда зиёд мебошанд, тибқи шартномаи алоҳида амалӣ карда мешаванд.

4. ТАРТИБИ КУШОДАН ВА ПЕШБУРДИ СУРАТҲИСОБ

4.1.Суратҳисоб дар асоси шартномаи мазкур бо дархости хаттии Мизоҷ, дар сурати мавҷуд будани ҳамаи ҳуҷҷатҳои лозимӣ барои кушодан ва пешбурди Суратҳисоб мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва тартиби дар Бонк ҷоришуда пешбинӣ шудаанд, кушода мешавад. Шартномаи мазкур барои дигар суратҳисобҳои бонкие, ки минбаъд кушода мешаванд танзимкунанда ҳисобида шуда, барои кушодани онҳо дархости хаттии Мизоҷ кифоя аст.
4.2.Ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркунӣ ва пардохтӣ, чекҳо барои гирифтани пули нақд дар давоми рӯзи амалиётии Бонк (дар давоми соатҳои корӣ аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон муқарраргардида) аз Мизоҷ ё намояндаи ваколатдори Мизоҷ, ки дар асоси ваколатнома амал менамояд, бо санҷиши мутобиқати шакл ва мазмуни он ба талаботҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон, қабул карда мешаванд.
4.3.Бонк ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркунӣ ва хазинавии Мизоҷро бо мавҷудияти шартҳои зерин қабул менамояд:

- шакли ҳуҷҷат ба шакли аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон муқарраршуда мувофиқат кунад;
- ба таври дахлдор тартиб дода шудани ҳуҷҷат, ки ба қоидаҳои аз тарафи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон муқарраршуда ҷавобгӯ бошад;
- дар суратҳисоб мавҷуд будани бақияи пулҳо барои иҷро кардани ҳуҷҷати ҳисоббаробаркунӣ.

4.4.Ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркунӣ ва хазинавӣ аз тарафи Мизоҷ ба Бонк дар вақти муқарраршудаи рӯзи амалиётӣ, ки аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон барои хизматрасонии ҳисобию хазинавии Мизоҷон муқаррар шудааст, пешниҳод карда мешавад. Ҳуҷҷатҳои баъди гузаштани вақти муқарраршудаи рӯзи амалиётӣ воридшуда, дар рӯзи кории оянда воридшуда ҳисоб карда мешаванд.
4.5.Баровардани маблағҳои пулӣ аз Суратҳисоб танҳо бо супориши Мизоҷ, дар давоми на дертар аз як рӯзи баъд аз рӯзи ба Бонк ворид гардидани ҳуҷҷатҳои дахлдори пардохт амалӣ карда мешавад. Бидуни супориши Мизоҷ баровардани маблағҳои пулӣ аз Суратҳисоб аз тарафи Бонк дар ҳолатҳои бо қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаи мазкур пешбинишуда амалӣ карда мешавад.
4.6.Баровардани маблағҳои пулӣ аз Суратҳисоб бо тартиби пайдарҳамии ворид шудани ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркунӣ амалӣ карда мешавад. Дар ҳолати нокифоя будани маблағи дар Суратҳисоб буда барои қонеъ гардонидани ҳамаи талаботҳои изҳоршуда, баровардани маблағҳои пулӣ тибқи асосҳои бо қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, амалӣ карда мешавад.
4.7.Бонк аз болои самтҳои истифодабарии маблағҳои Мизоҷ назорат намебарад, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст.
4.8.Бонк ҳуқуқҳои Мизоҷро оид ба ихтиёрдорӣ намудан ба маблағҳои пулии дар Суратҳисоб буда маҳдуд намесозад, ба истиснои ҳолатҳои бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии БМТ ва шартҳои Шартномаи мазкур гузоштани ҳабс ба маблағҳои пулӣ ё боздоштани амалиётҳо аз рӯи Суратҳисоб.
4.9. Тарофаҳо аз тарафи Бонк тариқи яктарафа, бо ҷойгир намудани онҳо дар сомонаи Бонк **www.eskhata.com** на дертар аз 10 (Даҳ) рӯз пеш аз мавриди амал қарор гирифтани он, тағйир дода мешавад. Дар сурати норозигии Мизоҷ бо Тарофаҳои нав, ӯ ҳуқуқ дорад шартномаи мазкурро бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаи мазкур бекор кунад.
4.10. Бидуни супориш ва розигии Мизоҷ маблағҳои зерин аз суратҳисоб (дар ҳолати набудани маблағ дар суратҳисоб аз дигар суратҳисобҳо) бароварда мешаванд:

4.10.1. Маблағи ҳаққи хизматрасониҳои Бонк аз рӯи Тарофа;

4.10.2. Маблағҳои қарздории Мизоҷ дар назди Бонк, ки аз рӯи Шартномаи мазкур ва ё ин ки аз рӯи Шартномаҳои қарзӣ, замонат ва дигар намуди шартномаҳо ба миён омадаанд.

4.10.3. Маблағҳое, ки ба суратҳисоби Мизоҷ аз тарафи Бонк саҳван (хато) гузаронида шудаанд. Маблағҳо дар ҳолатҳои зерин саҳван (хато) гузаронида шуда эътироф карда мешаванд:

- агар мушаххасоти Мизоҷ аз мушаххасоти дар ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ба Бонк дар шакли электронӣ ё чопӣ пешниҳодшуда фарқ кунад;
- агар маблағи ба суратҳисоб Мизоҷ гузаронидашуда аз маблағи дар ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ба Бонк дар чопӣ пешниҳодшуда фарқ кунад;
- агар маблағи гузаронида шуда аз ҷониби Бонк аз рӯи ҳамон як ҳуҷҷат такроран иҷро карда шавад.

5. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИИ ТАРАФҲО

5.1.Бонк уҳдадор аст:

5.1.1.Маблағҳои пулии Мизоҷро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунанда, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои дохилии Бонк ба Суратҳисоб қабул намояд.

5.1.2.Нигоҳдории маблағҳои пулии дар Суратҳисоб мавҷудбударо таъмин намояд. Дар сурати қалбакӣ будани ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркунӣ ва хазинавӣ гузаронидани амалиётро рад намояд.

5.1.3. Маълумотҳоро оиди суратҳисоб ва амалиётҳо аз рӯи он, ки сирри бонкӣ маҳсуб меёбад, инчунин дигар маълумотеро, ки дар натиҷаи иҷрои шартномаи мазкур ба Бонк маълум гаштааст, махфӣ нигоҳ дорад. Оиди амалиётҳои аз рӯи Суратҳисоб гузаронидашуда ба Мизоҷ, намояндаи қонунии ӯ, инчунин ба мақомотҳои дахлдор дар ҳолатҳо ва бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотнома пешниҳод намояд.

5.1.4.Амалиётҳои ҳисоббаробаркунию хазинавиро бо супориши Мизоҷ саривақт ва дуруст гузаронад.

5.1.5.Дар асоси дархости Мизоҷ мувофиқи бақияи маблағи дар Суратҳисоб буда маблағҳои пулии нақдро (ҳамаи маблағ ё қисми онро) дар муҳлати 1(Як) рӯз бозпас диҳад, агар маблағи пулии дар суратҳисоб буда ба сифати таъминнокӣ ба гарав гузошта нашуда бошад.

5.1.6.Аз рӯи дархост ба Мизоҷ беруннавис аз Суратҳисоб ва замимаҳоро ба он пешниҳод намояд.

5.1.7.Мизоҷро бо Тарофаи Бонк шинос намояд.

5.1.8.Пардохтҳоро дар асоси супориши Мизоҷ, мувофиқи навбати тақвимии онҳо амалӣ намояд.

5.2.Бонк ҳуқуқ дорад:

5.2.1.Қабули ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркунӣ ва хазинавии Мизоҷро, ки хилофи талаботҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон (аз ҷумла қоидаҳои бонкӣ ва усули барасмиятдарории ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркунӣ) барасмият дароварда шудаанд, рад намояд.

5.2.2.Дар ҳолати мавҷудияти далел (факт)-ҳое, ки аз риоя накардани қонунӣ будани амалиёт, тартиб ва усули барасмиятдарории ҳуҷҷатҳо ва муҳлатҳои ба Бонк пешниҳод намудани онҳо шаҳодат медиҳанд, дар асоси қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон гузаронидани амалиётҳоро аз рӯи Суратҳисоб рад намояд (ё боздорад).

5.2.3.Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаи мазкур ва дар ҳолатҳои ба миён омадани уҳдадориҳои Мизоҷ дар назди Бонк, маблағҳои пулиро тариқи беаксептӣ аз Суратҳисоб барорад.

5.2.4.Аз Мизоҷ пешниҳод намудани маълумотҳо ва ҳуҷҷатҳоро дар ҳолатҳо ва бо тартиби аз тарафи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон муқарраршуда талаб намояд.

5.2.5. Дар ҳолати пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои нодуруст аз тарафи Мизоҷ, инчунин дар ҳолати пайдо гаштани маълумот дар бораи иштироки мизоҷ дар фаъолияти террористӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом”, бастани шартномаи суратҳисоби бонкиро ва гузаронидани амалиётро аз рӯи Суратҳисоб рад намояд.

5.2.6. Иҷрои амалиётҳои саҳван (хато)-ро боз дорад ва инчунин супоришномаҳои хаторо дар ҳамон рӯзи амалиётӣ бекор намояд. Оид ба бекор кардани амалиёт Мизоҷро тариқи телефон ё почтаи электронӣ ва ё ба воситаи барномаи фосилавии бонкӣ ё дигар барномаҳои интернетӣ дар рӯзи бекор шудани амалиёт, огоҳ намояд.

5.2.7. Дар ҳолате, ки агар Мизоҷ ба Бонк оид ба интиқоли маблағ берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо асъори хориҷӣ супориш диҳад, Бонк ҳуқуқ дорад Мизоҷро дар бораи хавфҳои марбут ба таҳримҳои байналмилалӣ огоҳ созад. Бонк инчунин ҳуқуқ дорад интиқолеро, ки ба ақидаи Бонк таҳти таҳримҳои иқтисодии байналмилалӣ қарор мегирад, рад намояд. Дар сурати ҳабс шудан, мусодира кардан, манъ кардани маблағ бо асосҳои пешбининамудаи қонунгузории байналмилалӣ,

қонунгузории кишвари бонки қабулкунанда ё бонки транзитие, ки дар интиқоли маблағ иштирок кардааст, масъулият ба зиммаи Мизоҷ гузошта мешавад.

5.2.8. Бонк ҳуқуқ дорад дар ҳолатҳои зерин шартномаи мазкурро қатъ намояд:

а) агар Мизоҷ аз азнавсозии маълумотҳои мушаххаскунӣ саркашӣ намояд;
б) агар Мизоҷ ба Бонк оиди худ ва фаъолияти хеш маълумотҳои нопурра ва бардурӯғ пешниҳод намудааст, ки ба нуфузи Бонк таъсири манфӣ мерасонад;
в) агар Мизоҷ аз пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи амалиёт ва аҳдҳо саркашӣ намояд агар уҳдадории пешниҳоди ҳуҷҷатҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шуда бошад;
г) агар аз ҷониби Бонк дар амалиёт/аҳдҳои гузаронидаи Мизоҷ номувофиқатӣ ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон муайян карда шавад;
д) агар Бонк амалиёт/аҳдҳои бо мақсади қаллобӣ, саркашӣ аз расмиёти санҷиши зарурии Мизоҷ ё дигар вайронкуниҳои сиёсат ва расмиёти дохилии Бонк, аз ҷониби Мизоҷ содиршударо ошкор намояд.

5.2.9. Бонк то пурра анҷом ёфтани ҷараёни санҷиши дахлдор, ҳуқуқ дорад бе огоҳии пешакӣ муносибатҳои кориро қатъ намояд, амалиётҳои алоҳида ё ҳамаи амалиётҳоро, ки дар доираи шартномаи мазкур иҷро мегарданд, иҷро накунад, инчунин дар ҳолати аз тарафи Мизоҷ саркашӣ кардан аз санҷиши дахлдори пешбинӣ намудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои меъёрии дохилии бонк, муносибатҳои кориро қатъ намояд.

5.2.10.Бонк ҳуқуқ дорад дар ҳолати ошкор шудани кирдорҳои коррупсионӣ аз тарафи Мизоҷ, аз номи ӯ ва ё ба манфиати ӯ, муносибатҳоро бо Мизоҷ қатъ намояд.

5.3.Мизоҷ уҳдадор аст:

5.3.1.Ба маблағҳои дар Суратҳисоб мавҷудбуда, мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрию ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва шартномаи мазкур ихтиёрдорӣ намояд.

5.3.2.Маълумотҳо ва ҳуҷҷатҳои ба таври дахлдор тартибдодашударо, дар ҳаҷми пурра ва дар муҳлатҳои аз тарафи Бонк муқарраршуда, ки аз тарафи Бонк мувофиқи талаботҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон талаб карда шудаанд, пешниҳод намояд. Ҳамчунин, Мизоҷ уҳдадор мешавад, ки амалиётҳоро аз рӯи суратҳисоби бонкӣ вобаста ба фаъолияте, ки тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифтани иҷозатномаи махсусро талаб менамояд, бе пешниҳоди чунин иҷозатнома анҷом надиҳад.

5.3.3.Бонкро оиди тағйир ёфтани суроғаи ҷои зист, рақамҳои телефонҳо ва дигар маълумотҳое, ки ҳангоми кушодани Суратҳисоб аз тарафи Мизоҷ пешниҳод шуда буданд, бе таъхир огоҳ созад.

Аз ҷумла:

-дар холати аз нав номгузорӣ шудани Мизоҷ, Мизоҷ бояд дар муҳлати 10 (Даҳ) рӯзи тақвимӣ ҳуҷҷатҳои аз нав номгузорӣ шуданро ба Бонк пешниҳод намояд;

-дар ҳолати гумшавӣ ё фарсудашавии муҳр, дар муҳлати то 30 (Сӣ) рузи тақвимӣ муҳрро иваз намояд. Дар муддати тайёр кардани муҳр, ҳуҷҷатҳои пардохтии мизоҷ бе муҳр қабул карда мешаванд. Дар ин ҳолат аз тарафи роҳбар (шахсе, ки бо Мизоҷ шартнома бастааст) ё сармуҳосиб/муҳосиби калони воҳиди сохтории Бонк, ки аз номи Бонк бо мизоҷ шартнома бастааст, дар Вараҷа бо намунаи имзо ва нақши муҳр, раводид гузошта мешавад. Дар ҳолати пешниҳод накардани муҳри нав дар муҳлати муқарраршуда, Бонк ҳуқуқ дорад ҳуҷҷатҳои пардохтиро барои иҷроиш қабул накунад.

5.3.4.Дар давоми 5 (Панҷ) рӯзи корӣ аз рӯзи дастрас шудани беруннавис аз Суратҳисоб, Бонкро оиди маблағҳои ба Суратҳисоб нодуруст (бо ғалат) воридшуда хабардор намояд.

5.3.5.Бо тартиби кории Бонк, Тарофаҳои Бонк, тартиби ба Бонк пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркунӣ ва хазинавӣ ва дигар маълумотҳое, ки дар бинои Бонк доир ба хизматрасонӣ ба Мизоҷон ва сомонаи расмии Бонк **www.eskhata.com** ҷой дода шудаанд, шинос шавад.

5.3.6. Мизоҷ уҳдадор аст, ки дар муҳлати то 30 рӯзи тақвимӣ, ҳамчунин бо талаби Бонк, ба Бонк дар сурати тағдиди маълумот дар бораи мавқеъ (мақом), молик бенефитсиар ва молу мулки (маблағҳои) таҳти назорати онҳо тибқи ин шартнома додашуда, агар чунин интиқол анҷом дода шуда бошад ва дигар маълумотҳо оиди худ, маълумот пешниҳод намояд.

5.4.Мизоҷ ҳуқуқ дорад:

5.4.1.Ба маблағҳои пулии дар Суратҳисоб бударо бо тартиби аз тарафи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаи мазкур пешбинишуда, мустақилона ихтиёрдорӣ намояд.

5.4.2.Ба Бонк оиди гузаронидани амалиётҳо аз рӯи Суратҳисоб, ки бо қоидаҳои бонкӣ ва шартномаи мазкур пешбинӣ шудаанд, супориш диҳад.
5.4.3.Аз Бонк маълумотномаҳо ва беруннавис аз Суратҳисоб гирад ва оиди иҷроиши супоришҳои худ маълумот талаб намояд.
5.4.4.Бо салоҳдиди худ мубодилакунӣ (конверсия)-и маблағҳои пулии дар Суратҳисоб бударо амалӣ гардонад. Мубодилакунии маблағҳои пулӣ дар асоси аризаи (дархости) Мизоҷ, ки дар он ҳамаи шартҳои мубодилакунӣ пешбини шудаанд, амалӣ карда мешавад.
5.4.5. Дар сурати норозӣ будан бо тағйиротҳои шартнома ва Тарофаҳои нав, шартномаи мазкурро бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаи мазкур бекор кунад.

6. КАФОЛАТИ МАБЛАҒИ ПУЛИИ СУРАТҲИСОБ

6.1.Бонк баргардонидани маблағи пулиро аз рӯи суратҳисоб бо тамоми дороиҳояш кафолат медиҳад.
6.2.Кафолати маблағи пулии суратҳисоб аз рӯи тартиб, ҳаҷм ва шартҳои мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад.
6.3. Дар ҳолати муфлисшавии Бонк баргардонидани маблағҳои пулии (амонатҳои) соҳибкорони инфиродӣ, субъектони соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ аз ҷониби Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон дар ҳаҷм ва тибқи тартиботи муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо” сурат мегирад.
6.4. Маблағҳои пулии (амонатҳои) соҳибкорони инфиродӣ, субъектони соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо» суғурта карда мешавад. Маълумоти пурра оиди суғуртаи амонату пасандозҳо дар Замимаи №2 оварда шудааст.

7. МАХФИЯТ

7.1. Маълумоте, ки ҳангоми бастан ва ё иҷрои шартномаи мазкур маълум мегарданд, махфӣ ҳисобида мешавад ва набояд бе розигии хаттии тарафи дигар ба шахси сеюм расонида шавад ва ё бо мақсади баромадан аз чорчӯбаи матлаби шартнома истифода бурда шаванд.
7.2. Бонк махфӣ нигоҳ доштани сирри суратҳисоб ва маълумотҳоро оиди Мизоҷ мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат медиҳад ва ба шахсони сеюм паҳн намекунад (ба истиснои ҳолатҳои бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шуда).

8. ҶАВОБГАРИИ ТАРАФҲО

8.1.Тарафҳо барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби шартҳои шартномаи мазкур, мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгаранд.
8.2.Мизоҷ барои эътимоднокии маълумотҳо ва ҳуҷҷатҳои ба Бонк пешниҳоднамудааш мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар аст.
8.3. Мизоҷ барои зарараре, ки ба Бонк дар натиҷаи риоя накардани талаботҳои шартномаи мазкур расонида шудааст, дар ҳаҷми пурраи зарари ба Бонк расонидашуда, барои маълумоти нопурра ва носаҳеҳ, ки ба Бонк пешниҳод кардааст, ба таъхир гузоштани пардохти маблағи қарздорӣ (овердрафти техникӣ) дар назди Бонк дар ҳаҷми маблағи пардохтнашуда, ҷавобгар мебошад.
8.4. Дар сурати дер ё нодуруст ба Суратҳисоб гузаронидан ё аз он хориҷ кардани маблағҳои пулӣ, Бонк барои ҳар рӯзи таъхир ба Мизоҷ аз рӯи маблағи муҳлати пардохташ батаъхирафтода мувофиқ ба меъёри бозтамвили Бонки миллии Тоҷикистон ҷарима пардохт менамояд.
8.5.Дар ҳолатҳои зайл Бонк аз ҷавобгарӣ озод мебошад:

- барои оқибатҳои иҷроиши ҳуҷҷатҳои ҳисоббаробаркунӣ ва хазинавие, ки дар онҳо имзои сохтакорӣ (қалбакӣ) кардаи Мизоҷ ва ё намояндаи ваколатдорӣ ӯ гузошта шудааст ва Бонк имконияти ба таври муоинавӣ ё ҳуҷҷатӣ муқаррар намудани сохтакорӣ (қалбакӣ) будани имзои Мизоҷ ва ё имзои намояндаи ваколатдори ӯро надошт;
- барои вайрон намудани муҳлати гузаронидани амалиётҳо аз рӯи Суратҳисоб, ки бо айби Бонки миллии Тоҷикистон, дигар Бонкҳои барои иҷрои супориши Мизоҷ ҷалбшуда ва дигар ҳолатҳое, ки аз Бонк вобаста нестанд;
- барои нодуруст ба Суратҳисоб қабул кардан/қабул накардан ё нодуруст аз Суратҳисоб баровардан/ аз Суратҳисоб набаровардани маблағҳои пулӣ, ки дар натиҷаи аз тарафи Мизоҷ ё намояндаи ӯ нодуруст (бо ғалат) нишон додани нишониҳои пардохтии рақамӣ ва матнӣ ба амал омадаанд, инчунин дар ҳолати ихтилофҳои(разночтения) нишониҳои мазкур;
- барои оқибатҳои манфии эҳтимолӣ, ки дар натиҷаи аз тарафи Мизоҷ пешниҳод нашудани маълумотҳое, ки дар банди 5.3.3. -и шартномаи мазкур дарҷ гардидаанд, ба амал омадаанд.

8.6.Тарафҳо барои иҷро накардани уҳдадориҳои худ, ки дар натиҷаи ҷой доштани ҳолатҳои ғайричашмдошт (форс-мажор) рух додаанд (ба истиснои уҳдадориҳо оиди таъмини нигоҳдории маблағҳои пулӣ ва махфияти сирри маълумот), аз ҷавобгарӣ озод мебошанд, аз ҷумла:

- амалиётҳои ҷангӣ, офатҳои табиӣ, корношоямии муваққатии низомҳои компутерӣ, воситаҳои алоқа, қатъкунии интиқоли қувваи барқ, садамаҳо, сӯхторҳо, бетартибиҳои оммавӣ ва ғайра;
- амалҳои мақомотҳои давлатӣ, қабули қарорҳо аз тарафи мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ, Бонки миллии Тоҷикистон, ки барои татбиқи вазифаҳои шартномавии Тарафҳо монеагӣ мекунанд;

8.7.Тарафе, ки дар натиҷаи иҷро накардан ва ё боздоштани иҷрои уҳдадориҳо вобаста ба рух додани ҳолатҳои ғайричашмдошт ҳисорот (зарар) дидааст, ҳуқуқ дорад аз тарафи дигар (объекти ҳолатҳои ғайричашмдошт), оид ба андоза ва ҳаҷми ҳолатҳои рухдода ва таъсири ҳолатҳои мазкур ба фаъолияти ӯ ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда, талаб намояд.

8.8. Бонк барои иҷро нашудани супоришҳои Мизоҷ, ки аз омилҳо ва иродаи Бонк вобаста набуда ба шахси сеюм дастрас нашудааст, ҷавобгар намебошад.

8.9. Дар ҳолати бекор шудани амалиёт, барои огоҳ намудани ҳамкорон, контрагентони Мизоҷ, худи Мизоҷ масъулият бар дӯш дорад.

9. ҲАЛЛИ БАҲСҲО

9.1 Дар ҳолати аз ҷониби кормандони Бонк, саривақт иҷро накардан, дағалона рафтор намудан ва дигар кирдорҳое, ки ба пастшавии сифати хизматрасонӣ ва поймолкунии ҳуқуқҳои Мизоҷ оварда мерасонад, Мизоҷ метавонад тариқи рақами **808** ва ё почтаи электронии **shikoyat@eskhata.tj** ба Бонк муроҷиат намояд.

9.2. Ҳамаи масоили баҳсӣ ё ихтилофоти назар, ки аз иҷроиши қисмҳои дахлдори Шартномаи мазкур бармеоянд бо роҳи гуфтушунид ва музокирот ҳал карда мешаванд.

9.3. Дар ҳолати бо роҳи гуфтушунид ва музокирот ҳал нашудани баҳсҳо, тарафҳо метавонад нисбати тарафи дигар тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба суд муроҷиат намоянд.

10. МУҲЛАТИ АМАЛ ВА ТАРТИБИ БЕКОР КАРДАНИ ШАРТНОМА

10.1. Шартномаи мазкур аз мавриде, ки аз ҷониби Мизоҷ аксепт мегардад ва дар Ариза-дархост (Замимаи №1 ва ё Замимаи №3) аз ҷониби Бонк оиди қабул шудан қайд гузошта мешавад ба қувваи амал медарояд.

10.2.Муҳлати амали шартнома бемаҳдуд аст.

10.3.Шартномаи мазкур ҳар вақт метавонад тибқи аризаи хаттии Мизоҷ бекор карда шавад. Ҳамзамон, Мизоҷ уҳдадор мешавад, ки ҳамаи масъалаҳои ҳисоббаробаркуниро бо Бонк ба танзим дарорад.

10.4.Бекор шудани шартномаи мазкур барои бастани Суратҳисоб (ҳо) асос мебошад.

10.5.Дар ҳолати аз ҷониби як тараф иҷро нашудани шартҳои шартнома, тарафи дигар ҳуқуқ дорад шартномаи мазкурро бекор кунад. Тарафе, ки тариқи яктарафа шартномаро бекор мекунад, уҳдадор аст тарафи дигарро дар муҳлати на кам аз 30 (Сӣ) рӯзи тақвими огоҳ намуда, хароҷотҳоро вобаста ба уҳдадориҳои пештара ҷуброн намояд.

10.6.Амали шартнома тӯли ҷой доштани ҳолатҳои ғайричашмдошт (форс-мажор) боздошта шуда, аз лаҳзаи бартараф шудани онҳо мавриди амал қарор дода мешавад.

10.7.Суратҳисоби бонкӣ дар ҳолатҳои зерин баста шуда, шартномаи мазкур қатъкардашуда ҳисобида мешавад:

а) бо дархости Мизоҷ;

б) дар ҳолати аз тарафи Мизоҷ пешниҳод нагаштани ҳуҷҷатҳои талабкардашуда мутобиқи санадҳои амалкунандаи Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин, дар ҳолати пайдо шудани маълумот дар бораи иштироки Мизоҷ дар фаъолияти террористӣ (мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом”);

в) бо ташаббуси Бонк бо тартиб ва ҳолатҳои дар зербанди 5.2.8.-и Шартномаи мазкур зикршуда, бо пешакӣ огоҳ намудан тибқи банди 10.5.;

г) бо ташаббуси Бонк дар ҳолате, ки агар Мизоҷ дар давоми 12 моҳ тариқи суратҳисоб ягон амалиёт нагузаронад (бо пешакӣ огоҳ намудани Мизоҷ тибқи банди 10.5.);

д) дар ҳолатҳои дигаре, ки қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар намудааст.

10.8.Огоҳ намудани Мизоҷ бо роҳи ирсол намудани огоҳинома ба суроғаи Мизоҷ, ки дар шартнома зикр шудааст ё тавассути почтаи электронӣ ё ба воситаи барномаи фосилавии бонкӣ ва ё СМС хабардоркунӣ (бо истифодаи яке аз ин роҳҳо) амалӣ карда мешавад.

11. ТАЛАБОТҲОИ ЗИДДИКОРРУПСИОНӢ

11.1. Тарафҳо уҳдадоранд, ки талаботҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мубориза бар зидди коррупсияро бе чунну чаро риоя намояд. Тарафҳо огоҳ ҳастанд ва тасдиқ менамоянд, ки барои содир намудани кирдорҳои коррупсионӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ, маъмурӣ, маданӣ ва интизомӣ вуҷуд дорад.
11.2. Ҳар як тарафи шартномаи мазкур кафолат ва тасдиқ менамояд, ки на худи тараф, на роҳбарият ва ё кормандон ва дигар шахсони масъули онҳо бо мақсади бастани шартнома ва амали он, маблағҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок, ягон намуди имтиёз ва ё дигар намуди молҳои арзишнок пешниҳод/талаб/ваъда надодаанд. Тарафҳо дар давоми амали шартномаи мазкур ва баъд аз он ҳам уҳдадоранд чораҳои заруриро барои содир нашудани кирдорҳои коррупсионӣ андешанд.
11.3. Ҳангоми пайдо шудани шубҳа байни Тарафҳо, оид ба вайрон шудани баъзе аз муқаррароти бандҳои 11.1. ва 11.2.-и Шартномаи мазкур, Тарафи дахлдор уҳдадор мешавад, ки Тарафи дигарро дар ин бора ба таври хаттӣ огоҳ кунад. Оид ба пайдо шудани шубҳа, Мизоҷ метавонад ба Бонк тариқи почтаи электронии **anticorruption@eskhata.tj** хабар диҳад.
11.4. Дар ҳолати аз ҷониби яке аз Тараф вайроншудани талаботи дар боло қайдшуда Тарафи дигар ҳуқуқи яктарафа қатъ намудани шартномаро дорад.

12. ШАРТҲОИ ДИГАР

12.1.Дар ҳолати фаъолияти худро қатъ намудани Мизоҷ, ҳолати фавтидани Мизоҷ, тағйир ёфтани вазъи ҳуқуқии Мизоҷ, ҳуқуқи ихтиёрдорӣ намудан ба маблағҳои дар Суратҳисоб мавҷудбуда, инчунин иҷрои ҳамаи уҳдадориҳо аз рӯи шартномаи мазкур, мувофиқи тартиби бо қонунгузории амалкунанда пешбининамуда, ба ворис (он)-и ҳуқуқии Мизоҷ мегузарад.
12.2.Тағйироту иловаҳо ба Шартномаи мазкур аз тарафи Бонк ба таври яктарафа ворид карда мешавад. Оиди тағйироту иловагиҳо (аз он ҷумла, оиди мавриди амал қарор гирифтани чунин тағйиротҳо) на дертар аз 10 (даҳ) рӯзи тақвимӣ то мавриди амал қарор гирифтани тағйироту иловаҳо ба Мизоҷ маълумот диҳад. Маълумот тариқи аз тарафи Бонк дар лавҳаҳои иттилоотии бонкӣ, смс-хабардоркунӣ, занги телефонӣ, барномаи фосилавии бонкӣ ва ё тавассути почтаи электронӣ фиристодани лоиҳаи шартнома ба Мизоҷ, ҷойгирнамоии таҳрири нави шартнома дар сомонаи расмии Бонк **www.eskhata.com** (бо истифодаи яке аз ин роҳу усулҳо), расонида мешавад.
12.3.Масъалаҳои дигаре, ки шартномаи мазкур пешбинӣ накардааст, бо қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ба танзим дароварда мешаванд.
12.4.Бо аксепт намудани шартномаи мазкур, Мизоҷ изҳор мекунад, ки бо тарофаҳои Бонк, ки дар рӯзи бастани Шартномаи мазкур амал мекунад, шинос шудааст ва бо онҳо розӣ мебошад. Инчунин Мизоҷ розигии худро оиди масъалаҳои зерин баён менамояд:
- бо воситаи хадамоти алоқа (почта) ва ё қосид (курьер) ирсол намудани огоҳинома ва хабарномаҳо ба макони зисти Мизоҷ новобаста аз ҳузури шахсии Мизоҷ ва аз ҷониби шахсони сеюм (хешу табори Мизоҷ) қабул намудани огоҳинома ва хабарномаҳо;
- барои аз ҷониби Бонк равона намудани «sms – иттилоот» (аз ҷумла иттилооти характери рекламавӣ дошта);
12.5. Мизоҷ метавонад тавассути рақами телефонии **+992 44 6000600** ё рақами кӯтоҳи **808** ба сохтори масъули хизматрасони Бонк, ки бо мизоҷон корбарӣ менамояд, муроҷиат намояд.
12.6. Шартномаи мазкур дар шакли қозазӣ тибқи талаби Мизоҷ ба Мизоҷ пешниҳод карда мешавад.

13. МУШАХХАСОТ ВА НИШОНИИ ТАРАФҲО

13.1. “Бонк”

Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Бонки Эсхата» (Сарбонк)

Иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон барои иҷрои амалиётҳои бонкӣ аз 20-уми майи соли 2010. Муҳлати амали иҷозатнома - бемуҳлат.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, к. Гагарин 135

Хадамоти маълумотӣ (Маркази тамос): 808

Суратҳисоби муросилотӣ: 20402972457071

РЯМ: 5110001371

РМА: 510004229

БИК: 350501707

СВИФТ: EJSATJ22

13.2. “Мизоҷ”

Мушаххасоти мизоҷ дар ариза-дархост пешбинӣ мегардад.

Ба _____
(ном ва маҳалли ҷойгиршавии ташкилоти қарзии молиявӣ)

Аз _____
(номи пурраи шахси ҳуқуқӣ, ному насаби соҳибкори инфиродӣ)

АРИЗА-ДАРХОСТ

Аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки ба мо _____
(Суратҳисоби бонкӣ)
тибқи тартиби муқарраршуда кушоед.

Маълумот ва мушаххасоти Мизоҷ		
1. Суроға:		
2. РМА:	**3. РЯМ:**	**4. Тел:**
5. Email:		
6. Номи Мизоҷ бо забони байналхалқӣ:		

Бо пешкаши Ариза-дархости мазкур, ман Шартномаи суратҳисоби бонкӣ барои шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ (офертаи оммавӣ)-ро бо ҳамаи замимаҳояш қабул (аксепт) менамоям ва тасдиқ менамоям, ки бо Шартномаи мазкур (офертаи оммавӣ) ва замимаҳои он, шарту шароити хизматрасонии суратҳисоб ва тарофаи бонк шинос шудаам ва розӣ ҳастам, онҳоро дарк менамоям ва уҳдадор мешавам, ки шарту талаботҳои муқарраршударо ҳангоми бастани шартнома ва дар давоми амали он риоя намоям.

Ман зеримзокунанда, тасдиқ менамоям, ки ҳамаи маълумотҳои дар боло зикршуда пурра ва дуруст мебошанд, инчунин оиди гузаронидани санҷиш ва коркарди маълумотҳое, ки аз тарафи ман пешниҳод шудааст, зид нестам.

Тасдиқ мекунам, ки тамоми ҳуҷҷатҳои барои кушодани ҳисобҳо ба санаи пешниҳод боэътибор ҳастанд , аз ҷумла: иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, оиннома, нусхаҳои қарорҳо, ҳуҷҷатҳои муайянкунандаи шахсияти роҳбарони корхона ва ғайра ҳуҷҷатҳо.

Ман огоҳ ва розӣ ҳастам, ки бо Шартномаи суратҳисоби бонкӣ барои шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкори иинфиродӣ (офертаи оммавӣ) ва замимаҳои он (аз ҷумла тағйироту иловаҳо ба Шартномаи мазкур ва ё таҳрири нави он) ва Тарофаҳои Бонк метавонам дар ҷойҳои зерин шинос шавам:

- дар сомонаи расмии Бонк www.eskhata.com;
- дар воҳидҳои сохтории Бонк;
- ба воситаи низомҳои махсуси интернетӣ ва СМС-й.

Аризадиҳанда: _____ _____ _____
(ному насаб) (вазифа) (имзо)

Ҷои муҳр «_____» _____ с.20____

Рақами бақайдгирии Мизоҷ дар Бонк: №_____

ҚАЙДҲОИ ТАШКИЛОТИ ҚАРЗӢ

Ҳуҷҷатҳое, ки барои кушодани суратҳисоб ва гузаронидани амалиёт аз рӯи он заруранд, тафтиш намудам.

_____ _____ _____
(вазифаи корманди ША) (ному насаб) (имзо)

«_____» _____ с.20____

Кушодани _____ иҷозат медиҳам.
(номи суратҳисоби бонкӣ)

Роҳбари ташкилоти қарзӣ/
Шахси ваколатдор _____ _____
(вазифа) (ному насаб) (имзо)

Ҷои муҳр «_____» _____ с.20____

Суратҳисоб кушода шуд:

Рақами суратҳисоби тавозунӣ	Рақами ҳисобнома

ҶАМЪИЯТИ САҲОМИИ КУШОДАИ “БОНКИ ЭСХАТА” - УЗВИ НИЗОМИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲО	ХАЗИНАИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲОИ ТОҶИКИСТОН

ВАРАҚАИ ИТТИЛООТӢ БА ПАСАНДОЗДОР ОИДИ НИЗОМИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲО

Мизоҷи муҳтарам, Тавассути «Варақаи иттилоотӣ»-и мазкур тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо», мо Шуморо оиди низоми суғуртаи амонату пасандозҳо хабардор менамоем	Маълумот оиди ташкилоти қарзӣ: ҶСК “Бонки Эсхата”, 735700, ш.Хуҷанд, кӯчаи Гагарина 135 РМА 510004229, РЯМ 5110001371 Телефон барои тамос: +992 44 600-0-600, рақами кутох:808 Ному насаби пасандоздор: Ному насаби пасандоздор ва дигар маълумотҳои шахсӣ дар ариза-дархост (замимаи №1) зикр карда шудаанд. Ҷой (*сарбонк, филиал*) ва сана: Номгӯи воҳиди сохтории бонк, ки ба мизоҷ хизмат расонидааст, дар ариза-дархост (Замимаи №1 ва ё Замимаи №3) зикр карда шудааст.

Маълумоти асосӣ оиди суғуртаи амонату пасандозҳои Шумо

Амонату пасандозҳои Шумо дар **ҶСК “Бонки Эсхата”** аз ҷониби **Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон** суғурта шудаанд

Амонату пасандозҳои зерин дар ташкилоти қарзӣ суғурта шудаанд:	✓ Амонату пасандозҳои дар суратҳисобҳои бонкӣ гузоштаи пасандоздорон бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ, ки бо шартномаҳои пасандози бонкӣ ва (ё) суратҳисобҳои амонатии бонкӣ, суратҳисобҳои бонкии кортҳои пардохтӣ ва ё дафтарчаҳои амонатӣ тасдиқ карда шудаанд
Маблағи амонату пасандозҳои шахсон (пасандоздорон)-и зерин суғурта шудаанд:	✓ Шахсони воқеӣ, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ ✓ Шахсони ҳуқуқӣ – субъектҳои соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ
Ҷуброни пули суғурта ба пасандоздорон:	✓ Ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ* аз ҷониби Хазина ба пасандоздорон ҷуброни маблағи амонату пасандозҳои суғурташуда кафолат дода мешавад ✓ Андозаи ҷубронпулӣ аз рӯи амонату пасандозҳои суғурташуда **35 000 сомониро** ташкил медиҳад
Ҷубронпулии суғурта бо кадом асъор пардохт карда мешавад:	✓ Амонату пасандозҳое, ки бо пули миллӣ гузошта шудаанд, бо пули миллӣ ҷуброн карда мешаванд. ✓ Амонату пасандозҳое, ки бо асъори хориҷӣ гузошта шудаанд, аз рӯи қурби расмии Бонки миллии Тоҷикистон, ки дар рӯзи ба вуқӯъ омадани ҳолати суғуртавӣ муқаррар карда шудааст, бо пули миллӣ ҷуброн карда мешаванд
Агар пасандоздор дар ташкилоти қарзӣ якчанд суратҳисоби амонату пасандозӣ дошта бошад:	✓ Он гоҳ ҳамаи суратҳисобҳо якҷоя карда шуда, ҷубронпулӣ дар асоси маблағи умумии дар суратҳисобҳои амонату пасандозӣ мавҷудбуда ва на зиёда аз 35 000 сомонӣ пардохта карда мешавад
Муҳлати оғози пардохти ҷубронпулӣ ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ:	✓ Хазина на дертар аз 14 рӯзи пас аз ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ пардохти ҷубронпулии суғуртаро ба пасандоздорон оғоз менамояд
Суроғаи Хазина барои тамос:	Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, 734061 кӯчаи Маяковский 77/2 Телефон: +992 (44) 600-66-00, 600-32-45 Почтаи электронӣ: info@dif.tj
Муфассалтар дар сомонаи Хазина:	www.dif.tj
Тасдиқи гирифтани варақаи иттилоотӣ аз ҷониби пасандоздор	Тасдиқ менамоям: Мизоҷ бо гузоштани имзо дар ариза-дархост (Замимаи №1 ва ё Замимаи №3) бо замимаи мазкур шиносшудан ва гирифтанро тасдиқ менамояд.

Маълумоти иловагӣ

(1) Низоми суғуртаи амонату пасандозҳо

* Ташкилоти қарзии Шумо ҶСК “Бонки Эсхата” иштирокчии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва узви Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон (минбаъд – Хазина) мебошад.
* Низоми суғуртаи амонату пасандозҳо - ҳимояи давлатии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон, ки аз ҷониби Хазина барои пардохти ҷубронпулии суғурта ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ дар ташкилоти қарзӣ равона шудааст.
* Амонату пасандозҳои Шумо ба таври автоматӣ аз ҷониби Хазина ройгон бе ягон пардохти иловагӣ суғурта карда мешавад ва ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ ҷуброн карда мешавад.
* Ҳолати суғуртавӣ - барҳамдиҳии маҷбурии ташкилоти қарзӣ тибқи қарори суд бе асосҳои муфлисшавӣ ё бо асосҳои муфлисшавӣ, ки сабаби ба вуҷуд омадани уҳдадории Хазина оид ба ҷуброни пули суғурта ба пасандоздорони ташкилоти қарзии муфлисшуда мегардад.

(2) Ҷуброни пули суғуртаи амонату пасандозҳо

* Фоизҳои амонату пасандозҳо аз ҷониби Хазина ҷуброн карда намешаванд. Агар тибқи шартномаи суратҳисобҳои амонату пасандозӣ сармоякунонии фоизҳо пешбинӣ шуда бошад, он гоҳ ҷубронпулӣ аз рӯйи маблағи бақияи суратҳисобҳои амонату пасандозӣ пардохт карда мешавад
* Агар ба санаи ба вуқуъоии ҳолати суғуртавӣ маблағи пасандоздор дар ташкилоти қарзӣ аз андозаи ҷубронпулӣ (35 000 сомонӣ) зиёд бошад, он гоҳ баъди гирифтани ҷубронпулӣ маблағи боқимондаи пасандоздор мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мудири махсус (барҳамдиҳандаа)-и ташкилоти қарзии барҳамдодашуда пардохт карда мешавад.
* Агар ҳолати суғуртавӣ дар якчанд ташкилоти қарзӣ фаро расад, ки дар онҳо пасандоздор суратҳисобҳои амонату пасандозӣ дорад, он гоҳ андозаи ҷубронпулии суғурта барои ҳар як ташкилоти қарзӣ алоҳида ҳисоб карда мешавад.

(3) Пардохти ҷубронпулии суғурта

* Хазина ташкилоти қонунан ваколатдор барои пардохти ҷубронпулӣ аз рӯи амонату пасандозҳои суғурташуда дар ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина мебошад.
* Пардохти ҷубронпулии суғурта на дертар аз 14 рӯз пас аз ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ оғоз мегардад. Пардохти ҷубронпулии суғурта тавассути бонк-агент дар асоси аризаи пасандоздор дар шакли нақдӣ ва ғайринақдӣ бо роҳи гузаронидани маблағ ба суратҳисоби нишондодаи пасандоздор дар ташкилоти қарзӣ анҷом дода мешавад.

Муҳтарам пасандоздор! Барои дарёфти маълумоти муфассалтар аз сомонаи расмии Хазина истифода баред: www.idif.tj

ХАЗИНАИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲОИ ТОҶИКИСТОН – КАФОЛАТИ ҶУБРОНИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲОИ ШУМО!

Эсхата

Ба _____
(ном ва маҳалли ҷойгиршавии ташкилоти қарзии молиявӣ)

Аз_____
(номи пурраи шахси ҳуқуқӣ, ному насаби соҳибкори инфиродӣ)

АРИЗА-ДАРХОСТ
(оид ба аксепт намудан)

Маълумот ва мушаххасоти Мизоҷ		
1. Суроға:		
2. РМА:	**3. РЯМ:**	**4. Тел:**
5. Email:		
6. Номи Мизоҷ бо забони байналхалкӣ:		

7. Бо пешкаши Ариза-дархости мазкур, ман Шартномаи суратҳисоби бонкӣ барои шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ (офертаи оммавӣ)-ро бо ҳамаи замимаҳояш қабул (аксепт) менамоям ва тасдиқ менамоям, ки бо Шартномаи мазкур (офертаи оммавӣ) ва замимаҳои он, шарту шароити хизматрасонии суратҳисоб ва тарофаи Бонк шинос шудаам ва розӣ ҳастам, онҳоро дарк менамоям ва уҳдадор мешавам, ки шарту талаботҳои муқарраршударо ҳангоми бастани шартнома ва дар давоми амали он риоя намоям.

Ман зеримзокунанда, тасдиқ менамоям, ки ҳамаи маълумотҳои дар боло зикршуда пурра ва дуруст мебошанд, инчунин оиди гузаронидани санҷиш ва коркарди маълумотҳое, ки аз тарафи ман пешниҳод шудааст, зид нестам.

Тасдиқ мекунам, ки тамоми ҳуҷҷатҳои барои кушодани ҳисобҳо ба санаи пешниҳод боэътибор ҳастанд , аз ҷумла: иқтибос аз феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, оиннома, нусхаҳои қарорҳо, ҳуҷҷатҳои муайянкунандаи шахсияти роҳбарони корхона ва ғайра ҳуҷҷатҳо.

Ман огоҳ ва розӣ ҳастам, ки бо Шартномаи суратҳисоби бонкӣ барои шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкори иинфиродӣ (офертаи оммавӣ) ва замимаҳои он (аз ҷумла тағйироту иловаҳо ба Шартномаи мазкур ва ё таҳрири амалкунандаи он) ва Тарофаҳои Бонк метавонам дар ҷойҳои зерин шинос шавам: - дар сомонаи расмии Бонк www.eskhata.com; - дар воҳидҳои сохтории Бонк; - ба воситаи низомҳои махсуси интернетӣ ва СМС-й.

8. Мизоҷ ва Бонк ба созиш омаданд, ки Шартномаи суратҳисоби бонкӣ №_____ аз санаи “___”_____20___ сол ва созишномаҳои иловагӣ ба он, ки байни Бонк ва Мизоҷ баста шудааст ва хизматрасонӣ аз рӯи суратҳисобҳои мизоҷ дар Бонкро ба танзим медароранд аз санаи имзои Ариза-дархости мазкур бекор карда шуда ҳисобида мешаванд.

Минбаъд хизматрасонӣ оид ба пешбурди суратҳисобҳои Мизоҷ, муносибат байни Бонк ва Мизоҷ ва ҳуқуқу уҳдадориҳое, ки аз рӯи Шартномаи суратҳисоби бонкии то ин дам амалкунанда ба миён омадаанд, тибқи Шартномаи суратҳисоби бонкӣ барои шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ (офертаи оммавӣ) ва замимаҳои он ба танзим дароварда мешавад.

МИЗОҶ (Аризадиҳанда): _____ _____ _____
(ному насаб) (вазифа) (имзо)

Ҷои муҳр «_____» _____ с.20____

ҚАЙДИ БОНК:
Ариза-дархости мазкур аз ҷониби Бонк қабул карда шуд.
Маълумот ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда тафтишкарда шуд.

Воҳиди сохтории Бонк: _____

АЗ БОНК:

_____ _____ _____
(ному насаб) (вазифа) (имзо)

Ҷои муҳр «_____» _____ с.20____